# ТАҚРИЗИ

роҳбари илмӣ ба диссертатсия ва автореферати Саъдуллоева Гулнора Моҳадовна дар мавзуи “Асосҳои педагогии ташаккули салоҳияти иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар демкратикунонии раванди таълим”(дар мисоли) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ- иҷтимоӣ. (13.00.05.03 - Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ).

Дар замони муосир таваҷҷуҳ ба демократикунонӣ, муносибати босалоҳият ва ташаккули салоҳиятмандии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ба иҷтимоишавӣ беш гардидааст. Дар ин росто дар асоси муносибати инсонпарварона, маданият ва маърифати демократӣ муносибатро муттадил гардонида салоҳияти донишҷӯёнро ба иҷтимоишавӣ ташаккул додан зарур аст. Аз ин рӯ, зарур мешуморем, ки омӯзгор дар асоси талаботҳои демократӣ ба инкишофи мустақилияти маънавӣ, маданияти баланди шогирдон ва инкишофи касбии хеш ва шогирдон талош варзада, масъулияти шахсии бадандро дарк намояд.

Диссертацияи мазкур маҳз ба масъалаи зикршуда бахшида шуда дар гипотезаи он ба роҳу воситаҳои беҳтар гардидани сифати тахлим тавассути демократикунонӣ, муносибати босалоҳият дар иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ андешаҳои ҷолиб иброз гардидаанд. Диссертатсияи маскур дар шуъбаи таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон омода гардида, мавриди муҳокима ва баҳогузорӣ қарор гирифтааст.

Муҳаққиқи диссертатсия Саъдуллоева Г.М дар аснои омӯзиши асарҳои илмӣ-таҳқиқотии олимон доир ба мазмуни таҳқиқот, муҳтавои асосии демократикунонии таълиму тарбия, ташаккули салоҳиятмандии донишҷӯён ва иҷтимоишавии онҳо дар ҷомеаи муосир як қатор мухолифатҳоеро, ки аҳамияти илмӣ-педагогӣ, психологӣ дошта, хоси таълиму тарбия буданд баррасӣ намуд. ки инҳоянд:

- байни талаботе, ки ҷомеаи муосир ба демократикунонӣ, муносибати босалоҳият, такмили мазмуни таҳсилот ва иҷтимоишавии донишҷӯён пеш мегузорад дар муҳити муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ баррасӣ ва коркард намудаанд.

- байни талаботе, ки ҷомеаи муосир ба демократикунонии таълиму тарбия, ташаккул додани салоҳияти донишҷӯён дар мақомоти худидораи донишҷӯён мегузорад қудрати иҷтимоишавии донишҷӯёнро баланд мебардорад.

- байни зарурати истифодаи методҳои таълимии фаъол дар робита бо методҳои анъанавӣ дар иҷтимоишавии донишҷӯён корҳои зиёд анҷом дода шуданд.

Маҳз аҳамияти масъалаҳои зикргардида ва татбиқи назариявию амалии онҳо мавзуи диссертацияи муҳаққиқро бо номи "Асосҳои педагогии ташаккули салоҳияти иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар демкратикунонии раванди таълим" (дар мисоли муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ) муайян кардааст, ки он бешак мубрам ва дархӯри замон мебошад.

Зимни муайян кардани ҳадаф, предмет, объекти мавзуи рисолаи илмӣ ва ҷиҳати собит кардани дурустии фарзияи таҳқиқот диссертант тавонистааст вазифаҳои зерро мавриди омӯзиш ва иҷро қарор дода шуд:

- таҳлили назариявию педагогии моҳияти мазмуни таҳсилот ва меъёрҳои демократикунонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ;

- тавсиф ва арзёбии ташаккулёфтаи салоҳиятҳои касбии омӯзгори оянда дар самти демократикунонии таълиму тарбия ба иҷтимоишавӣ;

- баррасии хусусиятҳои таълимии фанҳо дар демократикунонӣ, муносибати босалоҳият ва иҷтимоишаваа донишҷӯён;

- муайян намудани роҳҳои ташаккули салоҳиятҳои касбии омӯзгори оянда ба иҷтимоишавӣ ва муносибати демократӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ;

- гузаронидани кори таҷрибавию озмоишӣ доир ба демократикунонӣ дар ташаккули шуур, маърифат, маданияти донишҷуён ба муносибати босалоҳият дар давлати демократӣ ва ҷомеаи шаҳрванд;

- таҳия ва пешниҳоди тавсияҳо оид ба такмили мазмуни таҳсилот ва ташаккул додани салоҳиятҳои касбии омӯзгорон ва донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ.

Навгонии илмии таҳқиқот, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти муҳаққиқ, далелнок ва боэътимод буда, вобаста ба ин мақолаҳои зиёде ба табъ расидаанд, ки муҳтавои рисоларо пурра инъикос менамоянд. Автореферати рисола ифодагари мазмуни фишурдаи диссертация мебошад.

Бо омӯзиш ва таҳлили мавзуи таҳқиқот муҳаққиқ ба хулосаву тавсияҳои методии мувофиқ омадааст. Ҷолиб аст, ки диссертант роҷеъ ба баррасии ҳар зермавзуи рисола ба андеша ва пешниҳодоти олимон муҳаққиқон такя намуда, хулосаҳои хешро мустақилона иброз кардааст. Саъдуллоева Г. М дар давраи таҳияи рисолаи илмӣ худро ҳамчун фарди мустақил, боадаб, масъулиятшинос, муҳаққиқ-амалгаро нишон дода тавонист. Бо назардошти хислатҳои шахсии муаллифи рисола ва омодагии ӯ дар таҳияи кори илмӣ чунин мешуморам, ки диссертацияи Саъдуллоева Г.М. дар мавзуи "Асосҳои педагогии ташаккули салоҳияти иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар демкратикунонии раванди таълим" ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05. Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳанги иҷтимоӣ (13.00.05.03- педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) пешниҳод гардидааст, кори мустақилона ба анҷомрасидаи илмӣ-таҳқиқотӣ буда, ҷавобгӯйи талаботи КАД –и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Роҳбари илмӣ,
номзади илмҳои педагогӣ,дотсент Маҳкамов Дастам

Мудири
Мудири шуъбаи
кадрҳо ва коргузории ПРМ АТТ Ҳакимова Х